**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД 336.2**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**НУРУБЛОЕВА МАДИНАБОНУ МАВЛОНОВНА**

# ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ КЛАСТЕРҲОИ ҲУДУДИЮ САНОАТӢ ДАР МИНТАҚА

**(дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)**

## АВТОРЕФЕРАТИ

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии**
**номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи**
**ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**Душанбе -2023**

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Қодиров Фируз Абдулҳафизович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент муовини ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба робитаҳои байналмилалӣ |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Каримова Мавзуна Темуровна** - доктори илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи таҳқиқотҳои назариявӣ ва муносибатҳои иқтисодии байналхалқии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| | **Саидова Миҷгона Ҷамшедовна -** номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи молия ва суғуртаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| **Муассисаи пешбар:** | **Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** |

Ҳимоя санаи “15” декабри соли 2023 соати $09^{00}$ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баргузор мегардад. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, хиёбони Нахимов 64/4. E-mail: faridullo72@mail.ru; телефони котиби илмӣ: +992 935730010.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва тавассути сомонаи www.tgfeu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____»_____________ соли 2023 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ аз ҷумлаи самтҳои калидӣ ва афзалиятноки рушди минтақаҳои кишвар муайян карда шудааст. Ҳамчунин таъкид бар он шудааст, ки дар минтақаҳои кишвар ҷиҳати таъсиси кластерҳои кластерҳои истеҳсолии ба содирот нигаронидашуда захираҳои зарурӣ мавҷуд буда, таъсиси онҳо имконият медиҳад, ки рушди иқтисодии минтақа таъмин карда шуда, рақобатпазирии он баланд бардошта шавад. Дар баробари ин таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ барои тавсеаи ҳудудҳои индустриализатсия ва ҳамгироии нав, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, бизнес-инкубаторҳо, паркҳои технологӣ ва маркази навовариҳо заминаҳои мусоид фароҳам сохта, ба сифати нуктаҳои инкишофи минтақа дар ҳалли мушкилоти асосии он нақши калон мебозад.

Таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ ҳамчунин дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 пешбинӣ шуда, чунин тарзи ташкили истеҳсолоти ҳудудӣ ба сифати роҳи ягонаи таъмини рушди истеҳсолот ва баландбардории рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа ва миллӣ эътироф карда шудааст. Чи гунае ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, кластерҳои ҳудудию саноатӣ воқеан ҳам ба сифати омили рушди иқтисодӣ, баландбардории рақобатпазирӣ ва самаранокии истеҳсолоти саноатӣ баромад намуда, ҳамчунин дар ҳалли масъалаҳои шуғл, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ташаккули имиҷи минтақа ва тавсеаи иқтидори содиротии кишвар нақши калидӣ доранд.

Дар шароити пурзӯр шудани рақобат дар бозор минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, густариш ёфтани падидаҳои бухронӣ дар низомҳои молиявӣ, афзоиш ёфтани таъсири манфии таконҳои берунӣ ва дар ин замина ба тағйироти куллӣ рӯ ба рӯ шудани муносибатҳои солҳо ташаккулёфта, зарурати маҳаллисозии истеҳсолот аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад. Пандемияи ҷаҳонӣ собит намуд, ки худтаъминкунии кофӣ асоси соҳибихтиёрӣ ба ҳисоб рафта, истифодаи оқилонаи захираҳои минтақавӣ ва миллӣ бо истифода аз равишҳои муосири ташкили истеҳсолот, ки кластерҳои ҳудудию саноатӣ намунаи самараноки он мебошанд, афзалияти бештар пайдо мекунад. Ташакул ва рушди кластерҳои ҳудудию саноатӣ омили пешбаранда ва механизми муосири ҳавасмандгардонии рушди минтақаҳо ба ҳисоб рафта, айни замон сохторҳои кластерӣ ҳамчун нуқтаи рушд ва платформаи муассири ҳамкории сохторҳои тиҷоратӣ, таълимӣ, илмию таҳқиқотӣ, ниҳодҳои инфрасохторӣ ва мақомоти идоракунии давлатӣ баромад мекунанд.

Гуфтаҳои боло ва зарурати ҳалли нишондоди консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатии рушди истеҳсолоти саноатӣ ва иқтисодиёти минтақавӣ боиси интихоб гардидани мавзуи мазкур гардида, мубрамият ва аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомшударо собит месозанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Назарияҳои бунёдии ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ ба муҳаққиқони барҷастаи Ғарб Д.

Анхауэр, Е. Бергман, И. Гютен, К. Венберг, А. Маршалл, М. Портер, Д. Форслунд, К. Фредриксон ва ғайра иртибот дорад.

Назарияи кластер ва кластерикунонии рушди иқтисодии минтақа дар таҳқиқоти олимони рус ба монанди В. Абашкин, Л. Гохберг, Е.Исланкина, Е. Кутсенко, Е. Торопушин, А. Смирнов, М. Клевтсова, Ю. Положентсова ва дигарон мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шудааст.

Дар илми ватанӣ бошад, назарияи ташаккул ва инкишофи кластерҳо дар таҳқиқоти олимони зерин, ба монанди Т.Н. Назаров, Н.Қ. Қаюмов, Л.Ҳ. Саидмуродзода, Ш. Раҳимзода, Ҳ.У. Умаров, А.М. Солеҳзода, Ш.Ш. Базаров, Ҷ.С. Пиризода, И.Р. Иброҳимзода, М.Ҷ. Саидова, Ф.А. Қодиров, Д. Бегов, М.Ҳусейнов, О.Қ. Муртазозода, Ф.Шамсиев ва дигарон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Новобаста аз таҳқиқотҳои анҷомшуда ҳанӯз ҳам масъалаҳои назриявӣ ва методологии ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақаҳои кишвар дар сатҳи зарурӣ таҳқиқ нагардида, хусусиятҳои хоси кластерҳои ҳудудию саноатӣ, заминаҳо ва иқтидори кластерикунонии иқтисодиёти минтақа, арзёбии имконоти таъсиси кластерҳо дар минтақаҳои кишвар, ташаккули заминаҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии татбиқи ташаббусҳои кластерӣ ва мутобиқгардонии таҷрибаи хориҷӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аз доираи таҳқиқотҳои илмӣ берун мондаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Муҳтаво ва муқаррароти диссертатсия бо як қатор барномаҳои давлатии марбут ба рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақаҳо ва соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 иртиботи мустақим дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** – асосноккунии назариявӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда вазифаҳои зерин муайян карда шудаанд:

- омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ - методологии кластерикунонии иқтисодиёти минтақа;
- таҳқиқи методологияи ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа;
- таҳлили вазъи муосири саноати минтақа ва баррасии имкониятҳои таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа;
- муайян ва асоснок намудани самтҳои асосии тавсеаи заминаҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ;
- таҳияи модели кластери ҳудудию саноатӣ дар минтақаи Зарафшони вилояти Суғд ва асосноккунии самтҳои рушди стратегии он.
- коркарди тавсияҳо оид ба кластерикунонии корхонаҳои хурду миёнаи саноатии минтақа.

**Объекти таҳқиқот** – низоми иқтисодиву иҷтимоии минтақа, аз ҷумла соҳаи саноати минтақаи Зарафшони вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

**Мавзуи таҳқиқот** - низоми муносибатҳои иқтисодию иҷтимоие ба ҳисоб меравaнд, ки дар раванди кластерикунонии соҳаи саноати минтақа ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** бар пояи муқаррароте асос ёфтааст, ки дар сурати ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ самаранокии иқтисодию иҷтимоии истифодаи захираҳо, сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа ва дараҷаи устувории низоми иқтисодиву иҷтимоии минтақа баланд гардида, ташаббусҳои кластерӣ ҳамчун механизми неоиндустриализатсияи иқтисодиёти минтақа баромад мекунанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои олимони иқтисодшиноси тоҷик ва хориҷи кишвар оид ба ташакул ва инкишофи низоми нави муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ оид ба ислоҳоти саноат ва ташаккули сохторҳои нави хоҷагидорӣ дар саноат, кластерикунонии иқтисодиёти минтақа ва ташаккули кластерҳои ҳудудию саноатӣ, асосноккунии заминаҳои таъмини рушди устувори минтақа ва баландбардории рақобатпазирии он ташкил медиҳанд.

Дар раванди таҳқиқот усулҳои зерин: усули монографӣ, таҳлили оморӣ, усули математикӣ - иқтисодӣ, усули демографию қиёсӣ ва усули таҷрибавию озмоишӣ истифода бурда шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сарчашмаҳои илмии таҳқиқот санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла, кодексҳо, қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории Агентии оморӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, маълумотҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон маводҳои илмию амалӣ, маълумотҳо аз сомонаҳои интернетӣ ва таҳқиқотҳои мустақилона анҷомдодаи муаллиф дохил мешаванд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти илмӣ дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкориии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар давоми солҳои 2018 - 2023 иҷро шудааст.

**Навгонии таҳқиқоти илмиро** асоснок намудани ҷанбаҳои назариявию методологии ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа ҷиҳати тақвияти таҷрибаи неоиндустриализатсияи иқтисодиёти минтақа ва баланд бардоштани рақобатпазирии он ташкил медиҳад. Унсурҳои асосии навгонии илмӣ инҳоянд:

- назария ва равишҳои назариявии таҳқиқи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дақиқ ва такмил дода шуда, афзалият ва бартариятҳои кластерикунонии истеҳсолоти ҳудудию саноатӣ исбот карда шуда, ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ – ҳамчун самти бартаридоштаи рушди низоми иқтисодиву иҷтимоии минтақа эътироф карда шудааст;

- исбот карда шудааст, ки кластерҳои ҳудудию саноатӣ ҳамчун механизми неоиндустриализатсияи иқтисодиёти минтақа баромад намуда, дар ин замина барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо, сатҳи рақобатпазирии минтақа, ҷолибияти сармоягузорӣ, тақвияти фаъолияти инноватсионӣ ва рушди устувори он шароит фароҳам месозад;

- дар заминаи таҳлили ҳолати муосир ва заминаҳои иқтисодиву иҷтимоии татбиқи ташаббусҳои кластерӣ дар сатҳи минтақа омилҳои ба ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноати таъсиррасон гурӯҳбандӣ карда шуда, иқтидори соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти минтақа ошкор ва имконияти таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ баррасӣ карда шудааст;

- самтҳои стратегии такмили асосҳои институтсионалӣ ва ташкилию иқтисодии ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ ошкор карда шуда, ҷиҳати танзими шароити мусоиди рушд маҷмуи чорабиниҳо таҳия, механизми татбиқи онҳо коркард ва алгоритми таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ пешниҳод карда шудааст;

- модели кластери ҳудудию саноатии "Зарафшон" таҳия карда шуда, дар асоси омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ самтҳои стратегии инкишофи он муайян карда шудааст, ки фарогири унсурҳои институтсионалӣ, инноватсионию инвеститсионӣ ва ташкилию иқтисодӣ мебошад;

- кластерикунонии корхонаҳои хурду миёнаи саноатии минтақа илман асоснок карда шуда, пешниҳод шудааст, ки дар заминаи муттаҳидсозии корхонаҳои хурду миёна кластери ҳудудию саноатии минтақавӣ таъсис дода шуда, дар ин замина фаъолияти инноватсионии онҳо тақвият дода шавад.

**Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**

- кластерикунонии иқтисодиёти минтақа ба баланд бардоштани рақобатпазирии он мусоидат намуда, шарти асосии таъмини рушди устувори минтақа ба ҳисоб меравад;

- ташкили кластерҳои ҳудудию саноатӣ ба мавҷудияти иқтидори саноатӣ ва риояи принсипҳои ҷойгикунонии истеҳсолот вобаста буда, омили муҳимтарини неоиндустриализатсияи минтақа ба ҳисоб меравад;

- шарти асосии таъсис ва рушди устувори кластерҳои ҳудудию саноатӣ ин мавҷудияти иқтидорӣ зарурӣ мебошад, ки дар асоси таҳлил ҷанбаҳои заиф ва қавии иқтисодиёти минтақа мушаххас карда мешавад;

- рушди кластерҳои ҳудудию саноатӣ ба таъмини институтсионалии он вобаста буда, ташкили онҳо дар асоси алгоритми хос ба роҳ монда мешавад;

- тарҳи намунавии кластери ҳудудию саноатии "Зарафшон", ки дар натиҷаи ошкорсозии иқтидори минтақа ва зарфиятҳои иқтисодиву иҷтимоии он пешниҳод шудааст;

- кластерикунонии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ шарти асосии баландбардории рақобатпазирӣ ва тақвияти фаъолияти инноватсионии онҳо мебошад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии тадқиқот дар таҳияи муқаррароти консептуалие ифода меёбад, ки таҳаввулот, моҳият ва мазмуни ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатиро дар низоми иқтисодии минтақа равшан сохта, имконият медиҳад, ки ҷиҳати баландбардории рақобатпазирии минтақа ва таъмини рушди устувори он низоми тадбирҳои методологӣ ва амалӣ таҳия карда шавад.

Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои илман асоснокшуда метавонад аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ширкату корхонаҳо барои такмили додани сиёсат ва

таъминоти абзорию методии ташаккул ва рушди кластерҳои ҳудудию саноатӣ истифода карда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди оморӣ натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Дар таҳқиқоти анҷом додашуда масъалаҳои мубрами ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ таҳлил гардида, тавассути маълумотҳои дақиқи соҳавӣ асоснок карда шуда, пайдарпайии таҳқиқи назария, методология ва амалия дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ гардидаанд. Ҳамчунин тамоми масъалаҳо ва пешниҳодҳо бо далелу рақамҳои оморӣ, ҳисоботи вазорату идораҳои дахлдор вобаста ба мавзуи таҳқиқгардида асоснок карда шудаанд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, асос меёбанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунанд: 2. Тақсимоти ҳудудии захираҳои иқтисодӣ; ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳо, фирмаҳои тиҷорати хурд ва миёна, кластерҳои иқтисодӣ, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои хонаводагӣ; 3. Ташкили ҳудудии иқтисодиёти миллӣ; ташаккулёбӣ, амалкард ва навсозии кластерҳои иқтисодӣ ва дигар низомҳои ҳудудию маҳаллии иқтисодӣ; 6. Иқтисодиёти ҳудудӣ. Вижагиҳои ҳудудии таъсисёбии низоми инноватсионии миллӣ. Проблемаҳои ташаккулёбии зернизомҳои инноватсионии минтақавӣ. Лоиҳаҳои инвеститсионии минтақавӣ: мақсад, объектҳо, захираҳо ва самаранокӣ; 16. Коркарди методологияи таҳлил ва методикаи арзёбии амалкарди сохторҳои корпоративӣ, тиҷорати хурду миёна, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар минтақаҳо ва ноҳияҳои маъмурӣ. Проблемаҳои истифодаи оқилонаи дороиҳои моддӣ ва ғайримоддии минтақаҳо – захираҳои табиӣ, пойгоҳи моддию техникӣ, сармояи инсонӣ ва ғ.; 19. Самаранокии истифодаи омилҳои истеҳсолот дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Бартариҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ; 23. Механизми ҳудудии инкишофи тиҷорати хурд ва соҳибкории хусусӣ дар мезосатҳ. Проблемаҳои баланд бардоштани самаранокии соҳибкории хурду миёна дар минтақаҳо. Стратегияи ташаккулёбӣ ва рушди низоми соҳибкорӣ дар бахшҳо ва соҳаҳои иқтисодиёти минтақавӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб дар он муайян мегардад, ки иҷрои нақшаи кори диссертасионӣ, аз ҷумла интихоби мавзуъ, асосноксозӣ, мақсад, вазифаҳо, мубрамият ва аҳамиятнокии он аз ҷониби диссертант таҳия гардидааст. Тавсияҳои кори илмӣ метавонанд ҳангоми такмил ва татбиқи сиёсати саноатӣ дар самти кластерикунонии иқтисодиёти минтақа мавриди истифода қарор дода шаванд. Пешниҳоди алоҳидаи муаллиф дар амалияи корхонаҳои саноатии минтақа мавриди истифода қарор дода шудааст.

Ҳамчунин, коркарди илмии диссертант дар раванди омӯзиш дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ҳангоми тадриси курсҳои таълимии «Иқтисодиёти корхонаҳо» ва «Рушди иқтисодии маҳал» истифода бурда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** бо мувофиқат кардани натиҷаҳои бадастомада бо афкори назариявии классикӣ ва назарияҳои муосир дар бахши ташаккул ва рушди кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа муайян мегардад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар фаъолияти корхонаҳои саноатии минтақа ва раванди таълим мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 15 кори илмӣ, аз ҷумла 5 - тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 4,7 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат буда, муҳтавои кор дар 175 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки шомили 18 ҷадвал ва 15 расм мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда 140 номгӯй сарчашмаҳои мавриди истифода қароргирифтаро дар бар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддима**, мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шудаанд.

Дар боби якум **- «Асосҳои назариявию методологии таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа»** таҳаввулот ва марҳилаҳои рушди назарияи кластерҳои ҳудудию саноатӣ, методология, принсипҳои ташкили кластерҳои ҳудудию саноатӣ ва таҷрибаи хориҷии таъсис ва дастгирии кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа таҳқиқ карда шудааст.

Дар марҳилаи муосири рушд ҳалли мушкилоти рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа ва ҳудудҳои муайян аз ҷумлаи самтҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Вазъ ва тамоюлҳои рушди иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки ҳалли мушкилоти соҳа ва минтақаҳо, аз он ҷумла тавассути коркард ва истифодаи механизмҳои муосир имконият медиҳад, ки иқтидори табиию иқтисодӣ ва неруи инсонӣ самаранок истифода шуда, суръати рушди иқтисодӣ таъмин карда шавад. Дар баробари ин таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки тамаркузи истеҳсолот ва тавсеаи ҳамгироии иқтисодӣ дар заминаи иртиботи шабакавӣ роҳи асосии тақвияти фаъолияти инноватсионӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва ҷолибияти инвеститсионии ҳудуд ва минтақаҳои муайян мебошад. Аз ин рӯ, кластерикунонии иқтисодиёти минтақа, аз он ҷумла дар заминаи таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ яке аз омилҳои бунёдии татбиқи ҳадафҳои рушди миллӣ ба ҳисоб меравад.

Дар диссертатсия таъкид шудааст, ки кластерикунонии саноати минтақа самти афзалиятноки рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа ба ҳисоб рафта, вобаста ба ин дар барномаҳои давлатии рушд таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ аз ҷумлаи самтҳои афзалитяноки рушди минтақаҳои кишвар эълон шудааст. Дар кори диссертатсионӣ дар заминаи таҳқиқоти анҷомшуда исбот шудааст, ки кластерҳои ҳудудию саноатӣ ин маҷмуи ширкату корхонаҳое ба ҳисоб меравнд, ки дар як қаламрав ҷойгир шуда, дар соҳаҳои ба ҳам наздик фаъолият карда, якдигарро пурра мекунанд, ба ҳисоб меравад. Ба сифати иштирокчиёни кластерҳои ҳудудию саноатӣ ниҳодҳои давлатию маҳаллӣ, ширкату корхонаҳои саноатӣ, фондҳои инноватсионию инвеститсионӣ,

муассисаҳои илмию таълимӣ, корхонаҳои бахши хизматрасонӣ ва кластерҳои ҳамҷавор метавонанд баромад кунанд.

Таҳқиқоти анҷомдодаи мо нишон дод, ки наздикии ҷуғрофӣ дар марҳилаи муосири рушд наметавонад ба сифати маҳаки асосии таъсиси кластер баромад кунад, зеро дар шароити густариши технологияҳои рақамӣ ва ташаккули шабакаҳои муосири логистикию наклиётӣ унсурҳои алоҳидаи кластери ҳудудию саноатӣ метавонанд дар минтақа ва ё ҳатто дар кишвари дигар қарор дошта бошад. Дар ин маврид муассисаҳои илмию таълимӣ, озмоишгоҳҳо ва ширкатҳои хизматрасонии рақамӣ метавонанд берун аз маҳалли ҷойгиршавии кластер фаъолият кунанд. Заминаҳои ташаккул ва рушди назарияи кластерҳои ҳудудию саноатӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар марҳилаҳои алоҳида ба мазмуни он тағйиротҳои назаррас илова карда шуда, назарияи муосир аз назарияи классикии кластер фарқи на он қадар калон дорад. Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомшуда марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатиро даврабандӣ намудем, ки дар расми 1 нишон дода шудааст.




**Расми 1. Марҳилаҳои асосии ташаккул ва инкишофи назарияи кластерҳои саноатӣ**
**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Даврабандии марҳилаҳои рушди назарияи кластерҳои ҳудудию саноатӣ нишон дод, ки он чаҳор давраи асосиро дар бар мегирад. Дар давраи якум, ки асрҳои XIX ва XX дар бар мегирад, бо пайдоиши асосҳои бунёдии назариявию методологии кластерҳо тавсиф дода мешавад. Дар давраи дуюм, ки солҳои 1940-1980 асри XX дар бар мегирад, назария ва консепсияҳои ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ ба низоми ягона дароварда шуданд. Марҳилаи сеюм бошад, солҳои 1980-2000-ро дар бар мегирад, ки дар доираи он консепсияҳои базавии назарияи кластерҳо ташаккул ёфта, онҳо ҳамчун омили

рушди иқтисодӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа эътироф мешуданд. Марҳилаи чорум бошад, солҳои 2000 то ба имрӯзро дар бар мегирад, ки ба рушди инноватсионии минтақаҳо ва нақши кластерҳои саноатӣ дар он бахшида шудааст.

Дар кори диссертатсионӣ исбот шудааст, ки кластерҳои ҳудудию саноатӣ омили асосии неоиндустриализатсияи иқтисодиёти минтақа мебошанд. Дар ин замина онҳо имконият медиҳанд, ки иқтидори саноатии минтақа самаранок истифода карда шуда, дар асоси тамаркузи истеҳсолот ва тақвияти ҳамгироии иқтисодии байни истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ самаранокии онҳо баланд бардошта шавад. Дар баробари ин истифодаи муштараки инфрасохтор, заминаҳои моддию техникӣ ва бартараф кардани рақобати иловагӣ ба рушди устувори соҳа ва минтақа мусоидат мекунанд. Исбот шудааст, ки татбиқи ҳадафи чоруми рушди миллӣ, яъне саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар дар заминаи таъсиси чунин сохторҳои рақобатпазир имконпазир мебошад.

Таҳқиқи асосҳои методологии таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ нишон дод, ки онҳо метавонанд ба сифати омили рушди минтақа баромад кунанд. Таҳлилҳо нишон дод, ки тавассути кластерикунонии иқтисодиёти минтақа бартарияти рақобатии нав пайдо шуда, ҳамчунин самаранокии истифодаи захираҳои табиию иқтисодӣ баланд бардошта мешавад. Дар марҳилаи муосири рушд равиши кластерӣ имконият медиҳад, ки сиёсати саноатӣ дар сатҳи минтақа такмил дода шуда, механизми ҳамгироии банисохторӣ ва ҳамкории байни субъектҳои хоҷагидорӣ бо мақомоти давлатӣ такмил дода шавад. Вобаста ба ин мақомоти маҳаллии идоракунӣ бояд дар самти таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ фаъол буда, ҷиҳати таъсиси онҳо ҳавасманд бошанд. Раванди кластерикунонии иқтисодиёти минтақа, ки дар заминаи зарфият ва хусусиятҳои иқтисодиёти минтақа сурат мегирад, бояд ба тақвияти фаъолияти иқтисодӣ, рақобатпазирӣ ва густариши фаъолияти инноватсионӣ мусоидат кунад.

Дар кори диссертатсионӣ исбот карда шудааст, ки ташаккули кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар саноатикунонии иқтисодиёти минтақа нақши калон дошта, онҳо имконият медиҳанд, ки тавассути тақвияти фаъолияти инноватсионӣ ва ташаккули бартариятҳои рақобатӣ рушди устувори иқтисодиёти минтақа таъмин карда шавад. Дар баробари ин тамаркузи сохторҳои алоҳидаи истеҳсолӣ, илмию таҳқиқотӣ ва хизматрасониҳои гуногун имконият медиҳад, ки занҷираи мукаммали истеҳсолӣ таъсис дода шуда, бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотию иртиботӣ устувории он баланд бардошта шавад. Ташаккули кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа ба мавҷудияти заминаҳои институтсионалӣ, ташкилию иқтисодӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ алоқаманд буда, дар ин замина зарурати такмили онҳо ба миён омадааст. Мавҷудияти заминаҳои мукаммали институтсионалӣ имконият медиҳанд, ки методологияи ташаккул ва рушди кластерҳои саноатӣ таҳия карда шуда, татбиқи самараноки он ба таъсиси кластерҳои саноатӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, дар кори диссертатсионӣ бо истифода аз равиши системавӣ-синергетикӣ ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ мушаххас карда шудааст (Расми 2).




**Расми 2. Равиши системавӣ-синергетикии ташаккули клстерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақа**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Кластерикунонии саноати минтақа имконият медиҳад, ки дар заминаи тақвияти ҳамкории байни иштирокчиёни кластер рушди фарогири минтақа таъмин карда шуда, механизмҳои муосири ҳамкориҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва ҳамкориҳои шабакавӣ ба роҳ монда шавад. Дар баробари ин рушди кластерҳои ҳудудияю саноатӣ имконият медиҳанд, ки механизми иқтисодии ҳавасмандгардонии истифодаи неруи инсонӣ ва иқтидори инноватсионӣ таҳия карда шуда, дар заминаи он барои рушди инфрасохтори минтақавӣ заминаи мусоид фароҳам оварда шавад. Рушди кластерҳои ҳудудию саноатӣ ҳамчунин ба таъминоти молиявӣ алоқаманд буда, тавассути таҳкими ҷолибияти сармоягузорӣ ба ҷалби захираҳои молиявию қарзӣ мусоидат намояд.

Ҳамин тавр, таҳқиқи консепсияҳо, марҳилаҳои рушди назарияи кластерҳои ҳудудию саноатӣ ва таъминоти институтсионалии ташаккул ва инкишофи кластерҳои саноатӣ нишон дод, ки назарияи он дар давраҳои алоҳидаи рушди худ такмил ёфта, айни замон ҳамчун падидаи мураккаби ташкил ва ҷойгиркунонии истеҳсолоти саноатӣ бо назардошти ҷанбаҳои ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва инноватсионӣ фаҳмида мешавад. Таҳлили назарияҳои асосии рушди кластерҳои ҳудудию саноатӣ имконият дод, ки хусусиятҳои хоси он муайян ва аз нигоҳи назария ва методология асоснок карда шавад. Вобаста ба ин дар кори диссертатсионӣ таъкид шудааст, ки принсипи ҷуғрофии таъсиси кластерҳо айни замон ба сифати маҳаки асосӣ баромад накарда, маҳдудиятҳои масофа, принсипи самаранокии ҷойгиркунонии истеҳсолоти саноатӣ ва тақвияти фаъолияти инноватсионӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Дар кори диссертатсионӣ қайд шудааст, ки ташаккули кластерҳои ҳудудӣ-саноатӣ имконият медиҳанд, ки тавозуни манфиатҳои мақомотҳои давлатӣ, минтақавӣ ва субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ таъмин карда шуда, дар баробари ин сиёсати инноватсионӣ, саноатӣ ва сохторӣ дар сатҳи минтақа такмил дода шуда, самаранокии истифодаи сармояи иҷтимоӣ, ҳамкориҳои шабакавӣ ва иқтидорҳои саноатӣ баланд бардошта шавад.

Дар боби дуюм **«Таҳлили саноати минтақа ва арзёбии заминаҳои ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар вилояти Суғд»** вазъи муосири саноати минтақа таҳлил карда шуда, заминаҳои ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ арзёбӣ ва омилҳои ба ин раванд таъсиррасон гурӯҳбандӣ карда шудаанд.

Дар кори диссертатсионӣ таъкид шудааст, ки айни замон вилояти Суғд минтақаи рушдкардаи саноатии кишвар буда, қариб 60% маҳсулоти саноати кишвар дар ин минтақа истеҳсол карда мешавад. Солҳои охир рушди саноати минтақа бо нишондиҳандаҳои мусбӣ тавсиф дода шуда, дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатии кишвар ҳиссаи бузург дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилоят раванди ҷойгиркунонии корхонаҳои истеҳсолӣ бо назардошти иқтидори табиию иқтисодӣ сурат гирифта, тамаркузи истеҳсолоти саноатӣ дар минтақаҳои дорои инфрасохтори мусоид бештар аст. Дар ин замина, асосноккунии ташаккул ва инкишофи кластерҳои саноатӣ дар ҳудудҳои алоҳидаи дохили минтақа аҳамияти муҳим пайдо карда, дар ин радиф минтақаи водии Зарафшон, ки ноҳияҳои Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ ва шаҳри Панҷакентро дар бар мегирад, дорои иқтидори бузург мебошад.

Вилояти Суғд дар байни минтақаҳои дигари кишвар аз рӯйи нишондиҳандаи истеҳсолоти саноатӣ мавқеи аввалро ишғол намуда, комплексҳои бузурги саноатии кишвар дар ҳамин вилоят ҷойгир мебошад. Дар баробари ин Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» низ бо фаъолнокии баланд тавсиф дода шуда, дар байни панҷ минтақаи озоди иқтисодии кишвар пешсаф мебошад. Динамикаи ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳои кишвар дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. - Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳо дар солҳои 2016-2022**

(бо нархҳои дахлдори сол, млн. сомонӣ)

| | Солҳо | | | | | | | 2022/ 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 12196 | 15090 | 20029 | 23894 | 27613 | 30890 | 38829 | 3,1мар. |
| ВМКБ | 111,8 | 128,8 | 193,4 | 238,3 | 249,3 | 228,8 | 315,5 | 2,8 мар. |
| Вилояти Суғд | 4894,2 | 7078,5 | 10066,4 | 11498,4 | 13053,6 | 15573,2 | 21064,8 | 4,3 мар. |
| Вилояти Хатлон | 4621,2 | 5047,7 | 6753,1 | 7294,0 | 8661,1 | 8998,3 | 10333,0 | 2,2 мар. |
| ш. Душанбе | 1350,7 | 1461,8 | 1659,0 | 2664,9 | 2753,4 | 2800,6 | 3339,4 | 2,4 мар. |
| НТҶ | 1218,1 | 1373,2 | 1357,1 | 2198,5 | 2895,6 | 3289,4 | 3776,3 | 3,1 мар. |

***Сарчашма**: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе – 2022. С. 9.*

Аз маълумоти ҷадвал бармеояд, ки айни замон вилояти Суғд зиёда аз 54% маҳсулоти саноатии кишварро истеҳсол карда, дар давраи таҳлилшаванда ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ 4,3 баробар афзоиш ёфтааст. Ҳамин нишондиҳанда дар ВМКБ 2,8 баробар, дар вилояти Хатлон 2,2 баробар, дар шаҳри Душанбе 2,4 баробар ва дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 3,1 баробарро ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ дар давраи таҳлилшаванда ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар кишвар 3,1 баробар зиёд шудааст. Дар ин замина бо назардошти татбиқи ҳадафи чоруми рушди миллӣ, яъне саноатикунонии босуръат таҳқиқ, муайянкунӣ ва ҳалли мушкилоти ҷойдоштаи соҳаи саноат аҳамияти муҳим дошта, зимнан таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ аз ҷумлаи самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад.

Вазъи муосири истеҳсолоти саноатӣ дар вилояти Суғд аз он шаҳодат медиҳад, ки новобаста аз нигоҳи таъмини неруи барқ ба дигар минтақа вобаста буданаш, суръати рушди истеҳсолот тамоюли мусбӣ дорад. Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии саноати минтақа дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. - Нишондиҳандаҳои умуми иқтисодии саноати вилояти Суғд дар солҳои 2016-2022 (**аз рӯи нишондиҳандаҳои корхонаҳои калони саноатӣ**)**

| **Нишондиҳандаҳо** | Солҳо | | | | | | | 2022/ 2016 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | |
| Шумораи корхонаҳо, воҳид | 604 | 597 | 633 | 657 | 693 | 733 | 860 | 142,3% |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ млн.сом. | 9113,0 | 11983,6 | 12690,7 | 14112,0 | 16384,1 | 21282,9 | 24326,3 | 2,6 мар. |
| Шумораи миёнаи солонаи корман-дони саноатию истеҳсолӣ, ҳазор нафар | 30,1 | 32,1 | 28,3 | 35,1 | 33,2 | 32,5 | 32,7 | 108,6% |
| аз ҷумла коргарон | 25477 | 27228 | 23525 | 24771 | 25539 | 27776 | 27438 | 107,6% |

***Сарчашма**: Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. Хуҷанд - 2023. -С. 178.*

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки дар давраи таҳлилшаванда шумораи корхонаҳо дар соли 2022 нисбат ба соли 2016 дар маҷмуъ 142,3%, ё ин ки 256 адад зиёд шуда, дар ин замина ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ зиёда аз 2,5 баробар афзоиш ёфтааст. Дар баробари ин саноат ба сифати соҳаҳои асосии таъмини шуғл ба ҳисоб рафта, дар ин давра дар корхонаҳои саноатии минтақа 2,6 ҳазор ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шудааст, ки аз ин миқдор 1961 нафар коргарон мебошанд. Тағийротҳои анҷомшуда имконият доданд, ки рушди саноати минтақа таъмин карда шуда, барои тавсеаи муносибатҳои нави иқтисодӣ дар соҳа шароит фароҳам оварда шавад.

Таҳлили анҷомшуда нишон медиҳад, ки дар вилояти Суғд имконияти таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақаи саноатии Хуҷанд, дар доираи Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд», дар агломератсияи саноатии шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Зафаробод, ҳамчунин дар минтақаи Зарафшон имконпазир мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки солҳои охир динамикаи истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ дар минтақаи Зарафшони вилояти Суғд тамоюли мусбӣ дошта, сатҳи рушди муносибатҳои иқтисодӣ тақозо мекунад, ки тавассути тавсеаи ҳамкориҳои шабакавӣ кластери ҳудудию саноатӣ таъсис дода шавад. Динамикаи ҳаҷми истеҳсолоти маҳсулоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят, аз он ҷумла ноҳияҳои водии Зарафшон дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3. - Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар солҳои 2016-2022 (**ҳазор сомонӣ)

| *Шаҳру ноҳияҳо* | **Солҳо** | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** |
| **н.Айнӣ** | **956009,0** | **1133826,7** | **1337915,5** | **1436921,2** | **1764539,3** | **2645044,4** | **3618420,7** |
| н.Ашт | 194670,2 | 219588,0 | 220246,8 | 245134,6 | 251508,1 | 251759,7 | 323259,4 |
| н.Б.Ғафуров | 652650,5 | 1083399,8 | 1180905,8 | 1422991,5 | 2656725,2 | 3435145,7 | 5032488,4 |
| ш.Бӯстон | 86214,2 | 181911,9 | 249219,4 | 405978,3 | 515998,4 | 573274,3 | 673024,0 |
| ш.Гулистон | 4082942,6 | 4687218,1 | 4270055,7 | 4312756,2 | 2919736,0 | 4259894,8 | 4396211,4 |
| н.Деваштич | 31197,0 | 33474,4 | 59249,7 | 61442,0 | 71702,8 | 72348,1 | 96223,0 |
| н.Зафаробод | 130761,3 | 162144,0 | 189546,3 | 192389,5 | 206818,7 | 276516,6 | 288406,8 |
| ш.Истаравшан | 336950,6 | 392884,4 | 427851,1 | 521550,5 | 553886,7 | 576042,1 | 832380,9 |
| ш.Истиқлол | 11614,7 | 15772,7 | 17523,5 | 25356,5 | 26117,2 | 26874,6 | 34265,1 |
| ш.Исфара | 323686,6 | 345049,9 | 388871,2 | 383815,9 | 393795,1 | 400095,8 | 586140,4 |
| ш.Конибодом | 135998,4 | 210797,5 | 270242,4 | 310238,3 | 320786,4 | 320786,4 | 349336,4 |
| **н.Кӯҳ.Мастчоҳ** | **1491,1** | **2084,6** | **2687,0** | **3920,4** | **4187,0** | **9190,4** | **13418,0** |
| н.Мастчох | 173015,8 | 196199,9 | 182465,9 | 218229,2 | 209718,3 | 278925,3 | 318253,8 |
| **ш.Панҷакент** | **2475124,7** | **3002326,3** | **3533738,0** | **4339430,3** | **4838464,7** | **4891687,9** | **4632428,4** |
| н.Спитамен | 226308,0 | 315020,7 | 397556,1 | 480247,8 | 655057,9 | 658988,3 | 596384,4 |
| ш.Хуҷанд | 787882,6 | 965944,1 | 1080891,4 | 1247348,7 | 1438193,1 | 1445384,1 | 1704107,8 |
| н.Ҷ.Расулов | 106029,3 | 148653,0 | 164261,6 | 191364,8 | 262935,2 | 268719,8 | 304459,5 |
| н.Шаҳристон | 21881,4 | 30065,1 | 34153,9 | 37227,8 | 37116,1 | 37524,3 | 44541,4 |

*Сарчашма: Омори солонаи вилояти Суғд. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. Хуҷанд - 2023. -С. 187.*

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки дар тамоми шаҳру ноҳияҳои вилоят, аз ҷумла дар ноҳияҳои Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳ ва шаҳри Панҷакент ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ зиёд гардида, динамикаи он тамоюли мусбӣ доранд. Бо назардошти афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ширкату корхонаҳои саноатии вилоят ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир машғул мебошанд, ки дар баробари бозорҳои дохилӣ ба хориҷи кишвар низ содирот карда мешавад.

Арзёбии иқтидори кластерикунонии саноати минтақаи Зарафшон нишон дод, ки айни замон бо таваҷҷуҳ ба афзоиши истеҳсолоти кишоварзӣ ва имкониятҳои васеи дастрасӣ ба ашёи хом зарурати таъсиси кластери ҳудудию саноатӣ дар соҳаи саноати хӯрокворӣ имконпазир мебошад. Дар заминаи таҳқиқоти анҷомшуда иқтидори истеҳсолии ҶДММ «Парандис» таҳлил карда шуда, бо назардошти мавқеи ҷойгиршавӣ ва шабакаи роҳу нақлиёт таъсиси кластери «Зарафшон» мувофиқи мақсад мебошад. Таъсиси кластери ҳудудию саноатии «Зарафшон» имконият медиҳад, ки иқтидори саноати хӯроквории минтақа самаранок истифода карда шуда, маҳсулоти рақобатпазир истеҳсол карда шавад. Ҳамчунин таъсиси кластери ҳудудию саноатии «Зарафшон» имконият медиҳад, ки тавассути таъсиси бренд имиҷи минтақа баланд бардошта шавад.

Дар кори диссертатсионӣ исбот шудааст, ки дар баробари мавҷудияти иқтидорҳои табиию иқтисодӣ, захираҳои кадрӣ, иқлим ва фазои мусоиди сармоягузорӣ, татбиқи лоиҳаи муштарак байни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон доир ба сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ дар ҳавзаи дарёи Зарафшон аз ҷумлаи омилҳои бунёдӣ ба ҳисоб меравад. Бунёди неругоҳҳои мазкур, ки иқтидори умумии 320 МВт-ро ташкил медиҳад, дар таъмини кластери мазкур бо неруи барқӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза мусоидат хоҳад кард. Таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки яке аз мушкилоти асосии саноати минтақа ин таъмини он бо неруи барқ дар давраи фаъолияти пойгоҳҳои обкашӣ ва давраи зимистон ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, бунёди неругоҳҳои мазкур имкон медиҳад, ки саноати водии Зарафшон бо таъмини устувори неруи барқ дастрасӣ пайдо кунад.

Бо назардошти зарфият ва иқтидори кластерикунонии иқтисодиёти минтақаи водии Зарафшон исбот карда шудааст, ки таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ ба тавсеаи тамаркузи истеҳсолот, махсусгардонии он, ҳамоҳангӣ ва ҳамгироии истеҳсолоти саноатӣ ба баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаи саноат дар алоҳидагӣ ва иқтисодиёти минтақа дар маҷмуъ мусоидат хоҳанд кард (Расми 3.).




**Расми 3. Таркибдиҳандагони сиёсати кластерикунонии саноати минтақа**
**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Қобили қайд аст, ки новобаста аз таҳқиқотҳои анҷомшуда ва тавсияҳои пешниҳодшуда, ҳанӯз ҳам дар иқтисодиёти кишвар кластерҳои саноатӣ таъсис дода нашудаанд ва заминаҳои умедворкунанда низ дар ин самт фароҳам нестанд. Аз ин рӯ, танҳо мавҷудияти тасмимҳои консептуалӣ наметавонанд ба ташаккул ва рушди кластерҳои саноатӣ боис гарданд, зеро шарти асосии таъсис ва идоракунии рушди онҳо ин мавҷудияти сиёсати давлатии соҳавӣ ва иштироки бевоситаи давлат дар ташкили кластерҳо мебошад. Дар марҳилаи муосири рушд, таъсиси кластерҳо бояд ба талаботи муносибатҳои бозорӣ ва тақозои низоми иқтисодӣ ҷавобгӯ бошад. Зеро дар таҷрибаи кластерҳо, пеш аз ҳама, барои ҳалли масъалаҳои муайяни рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва тавсеаи соҳаҳои муҳимми хоҷагии халқ ташкил кард мешаванд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо назардошти сохтор ва хусусиятҳои истеҳсолии иқтисодиёти минтақаҳо соҳаи афзалиятноки рушди кластерҳо соҳаи хӯроквори ба ҳисоб меравад. Бо назардошти он ки таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ бо маҳсулоти босифати ғизоӣ аз ҷумлаи ҳадафҳои рушди миллӣ ба ҳисоб меравад, таъсиси кластерҳо имконият медиҳад, ки татбиқи ҳадафи мазкур саривақт ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шавад.

Дар кори диссертатсионӣ исбот шудааст, ки кластерҳои ҳудудию саноатӣ ба сифати қутби рушд баромад намуда, имконият медиҳанд, ки дар заминаи татбиқи принсипҳои «иқтисодиёти сабз» рушди фарогири иқтисодиву иҷтимоӣ ва экологии минтақа таъмин карда шавад. Таъсиси кластери ҳудудию саноатӣ дар минтақаи водии Зарафшон имконият медиҳад, ки базаи ашёи хоми мавҷуда самаранок истифода карда шуда, намудҳои рақобатпазири маҳсулоти саноати хӯроквори истеҳсол карда шавад. Дар баробари ин тавассути тақвияти фаъолияти инноватсионӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақа ташкили истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда имконпазир буда, тавассути тавсеаи кооператсияи саноатӣ ташкили ҳамкориҳо бо корхонаҳои саноатии вилояти Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ мувофиқи мақсад мебошад.

Дар боби сеюм **«Самтҳои асосии ташаккул ва инкишофи кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар вилояти Суғд»** асосҳои ташкилию иқтисодии ташкили кластерҳои саноатӣ баррасӣ шуда, тарҳи намунавии кластери ҳудудию саноатии «Зарафшон» пешниҳод карда шудааст. Дар баробари ин бо назардошти зарфиятҳои саноати минтақа самтҳои асосии кластерикунонии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар минтақа илман асоснок карда шудааст.

Дар кори диссертатсионӣ исбот шудааст, ки минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори кластерикунонӣ буда, дар минтақаи таҳқиқшаванда имконияти бунёди кластери саноати хӯроквори (агросаноатӣ), саноати кӯҳӣ ва сайёҳӣ мавҷуд аст. Дар ин миён таъсиси кластери ҳудудию саноатии хӯрокории «Зарафшон» мувофиқи мақсад мебошад. Дар ин замина таъсиси кластери ҳудудию саноатӣ ба мавҷудияти як қатор шароитҳо, аз он ҷумла шароити институтсионалӣ, ташкилию иқтисодӣ ва методию методологӣ вобаста мебошад. Яъне дар ин самт бояд барномаҳои мушаххас ва алгоритмҳои мукаммали ташкил ва идоракунии кластерҳо мавҷуд бошад.

Таҳқиқот собит намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи рушди кластерҳои ҳудудию саноатӣ бояд ба стратегияҳои аллакай маълум асос ёфта, онҳоро ба шароити кунунӣ, махсусан дар сатҳи минтақавӣ мутобиқ созанд. Дар

асоси таҳқиқи таҷрибаи ташкили кластерҳои ҳудудию саноатӣ, махсусан дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Федератсияи Россия, Қазоқистон, Финляндия ва дигар давлатҳои мутараққӣ дар кори диссертатсионӣ алгоритми ташкили кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст (расми 4).




**Расми 5. Алгоритми таъсиси кластерҳои ҳудудию саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Ин алгоритм имконият медиҳад, ки системаи тадбирҳо ва амалҳои пайдарпай барои ташкили кластери ҳудудию саноатӣ ба тартиб даровარда шавад. Имрӯз дар асоси иқтидор ва тамоюлҳои рушди саноати вилоят барои ташкили кластери ҳудудию саноатӣ дар шаҳри Панҷакент замина ва имкониятҳо мавҷуд аст. Илова бар ин, вилояти Суғд бузургтарин маркази саноатӣ бо шумораи бештари қувваи кории соҳибихтисос ва инфрасохтори нисбатан пешрафта мебошад. Дар марҳилаи нахустини таъсиси кластерҳо нақши мақомоти давлатӣ калон буда, кластерҳои нахустин бояд бо иштирок ва ташаббуси бевоситаи мақомоти давлатӣ таъсис дода шаванд. Дар ин замина таҳия ва татбиқи барномаҳои таъсиси кластерҳои минтақавӣ зарур буда, зимнан бояд тадбирҳо ва чорабиниҳо мушаххас карда шаванд. Бояд таъкид сохт, ки Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 рушди минтақаҳоро дар асоси истифодаи равиши кластерӣ пешбинӣ мекунад. Дар баробари ин дар «Барномаи саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Точикистон», «Барномаи давлатии мусоидат ва содирод ва истеҳсолоти воридотивазкунанда барои солҳои 2016-2020» ва «Консепсияи ташкил ва рушди калстерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2020, №566 тасдиқ карда шудааст, ба кластерикунонии соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ, аз он ҷумла саноат аҳамияти хос дода мешавад. Аз ин рӯ, масъалаҳои назариявӣ ва амалии ташаккул ва рушди кластерҳои саноатӣ дар кишвари мо дорои аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Новобаста аз он, ки корхонаҳои хурду миёна дар саноати миллӣ, аз он ҷумла дар саноати хӯрокворӣ нақши калидӣ доранд, вале ҳанӯз ҳам омори дақиқ ва саҳеҳ оид ба шумора ва фаъолияти онҳо вуҷуд надорад. Дар баробари ин, нақши корхонаҳои хурду миёна дар таъмини шуғл ва рақобатпазирии иқтисодиёти минтақаҳо ва миллӣ то ба ҳол ба таври мушаххас дақиқ карда нашудааст. Бухронҳои пайдарпайи ҷаҳонӣ ва унсурҳои манфии муҳити макро ва микроиқтисодӣ низ ба сифат ва суръати рушди корхонаҳои хурду миёна таъсири манфӣ мерасонанд. Аз ин рӯ, зарурати таҳкими ҳамкориҳо ва тақвияти иртиботи амудӣ ва уфуқии байни корхонаҳои хурду миёна дар асоси равиши кластерӣ шарти асосии таъмини рушди устувори иқтисодиёти минтақа мебошад.

